«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, профессор
__________ Насриддинзода Э.С.
«_2_» _____12_____ 2024

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи Давроншозода Файзулло Давроншо дар мавзуи «Таҳқиқи аминокислотаҳо ва стероидҳои таркиби мармараки мускатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯянда» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 - Химияи органикӣ дар озмоишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии «Химия ва технологияи растаниҳои доругӣ»-и Институти илмию таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мутобиқ ба лоиҳаҳои фармоишии буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи мавзуи «Омӯзиши фитохимиявии растаниҳои шифобахш ва худрӯйи Тоҷикистон бо мақсади дарёфти моддаҳои фаъоли биологӣ ва маводи доругӣ» (рақами ба қайдгирии давлатиаш №0121TJ01002) иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Давроншозода Файзулло Давроншо унвонҷӯи озмоишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии «Химия ва технологияи растаниҳои доругӣ»-и Институти илмию таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба фаъолият намуд.

Давроншозода Файзулло Давроншо 1 январи соли 1994 дар ноҳияи Фархор дар оилаи зиёӣ таваллуд шудааст. Соли 2011 ба факултети фарматсевтии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2016 бо баҳои хубу аъло хатм намудааст.

Фаъолияти кориро ба ҳайси ассистент соли 2016 дар кафедраи технологияи фарматсевтии факултети фарматсевтии ДМТ оғоз намудааст. Солҳои 2018-2022 ба ҳайси мушоври академӣ дар факултети фарматсевтӣ,

аз моҳи январи соли 2024 ба ҳайси сармутахассиси раёсати таълим ва аз моҳи марти соли 2024 ба сифати мушовири академии дараҷаи дуюми факултети тиббӣ, ҳамзамон ассистенти кафедраи технологияи фарматсевтӣ ва фармокология фаъолият намуда истодааст.

Аз соли 2021 дар мавзуи «Таҳқиқи аминокислотаҳо ва стероидҳои таркиби мармараки мускатии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯянда» корҳои илмӣ-таҳқиқотиро давом дода истодааст. Солҳои 2021-2024 ба ифтихорномаҳои факултети фарматсевтӣ ва тиббӣ сарфароз гардидааст.

Мавзуи диссертатсионӣ дар суратҷаласаи озмоишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии «Химия ва технологияи растаниҳои доругӣ»-и Институти илмию таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санаи 12 март и соли 2021, қарори №04 дар мавзуи «Таҳқиқи аминокислотаҳо ва стероидҳои таркиби мармараки мускатии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯянда» баррасӣ ва ба ҳайси роҳбари илмӣ д.и.х., дотсент Самандарзода Насрулло Юсуф тасдиқ шудааст.

Оид ба супоридани имтиҳони номзадӣ бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 27.09.2024, №359-05 иҷозат дода шуд.

Диор ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи «Таҳқиқи аминокислотаҳо ва стероидҳои таркиби мармараки мускатии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯянда» чунин хулоса бароварда шуд:

**- мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ (бо шарҳ ва соҳаи таҳқиқот).** Рисола ба шиносномаи ихтисоси 02.00.03- Химияи органикӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 тасдиқ шудааст, ҳамзамон таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**- алоқамандии мавзуи** диссертатсия дар озмоишгоҳи «Химия ва технологияи растаниҳои доругӣ»-и Институти илмию таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мутобиқ ба лоиҳаҳои фармоишии буҷети

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи мавзуи «Омӯзиши фитохимиявии 2 растаниҳои шифобахш ва худрӯйи Тоҷикистон бо мақсади дарёфти моддаҳои фаъоли биологӣ ва маводи доругӣ» (рақами ба қайдгирии давлатиаш №0121TJO 1002) иҷро карда шудааст.

- **мутобиқати теъдод** ва мавзуи интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои мавзуи диссертатсия, ки мундариҷаи асосии кор дар 17 мақолаи илмӣ ва фишурдаи мақолаҳо, ки 5-тои онҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда нашр шудаанд ва 7 тезис дар маҷмуаи маърузаҳои конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, 4-нахуспатенти ҶТ 1-патенти авроосиёгӣ нашр гардидааст.

- **саҳми шахсии** довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳҳқиқ аз ҷустуҷӯи адабиёт, таҳлил ва ҷамъбасти маълумоти илмӣ оид ба коркарди методикаи экстраксияи қисматҳои рӯйи заминӣ таҳқиқот иборат буда, довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ экспериментҳои дар диссертатсия овардашударо мустақилона иҷро намуда, пайвастаҳои ниҳоиро ҷудо ва тоза намудааст. Сохти моддаҳои бадастовардаро, тавассути усулҳои таҳлилии физикӣ-химиявӣ муайян кард. Синтези ҳосилаҳои кислотаи холанро бо мақсади ҳосил намудани пайвастаҳои дорои хосиятҳои биологӣ иҷро кардааст. Муаллиф дар коркарди нақшаи таҳқиқот, омода намудани мақолаю фишурдаҳо ба чоп ва маърӯзаи онҳо бевосита саҳмгузор мебошад.

Диссертатсияи Давроншозода Файзулло Даврон дар мавзуи «Таҳқиқи аминокислотаҳо ва стероидҳои таркиби мармараки мускатии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯянда» ба ихтисоси интихобшуда пурра мувофиқат мекунад;

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои 1, 2, 3 ва 6-и шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 - Химияи органикӣ мутобиқат менамояд:

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъокос ёфтааст:

1. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон нашр шудаанд:

[1-М]. **Давроншозода, Ф.Д.** Омӯзиши таркиби аминокислотаҳои таркиби мармараки мускатиӣ/ **Ф.Д. Давроншозода.,** Н.Ю. Самандарзода // Илм ва фановари 2024 -С.- 217-218.

[2-М]. **Давроншозода, Ф.Д.** Разработка технологии и биофармасевтическое исследование мази на основе густого экстракта шалфея мускатного/ С.М. Мусозода., О.С. Шпичак., Қ.С. Махсудов., А.У. Раҳмонов., **Ф.Д. Давроншозода.,** Р.С. Мусоев,//Наука и инновасия 2021- С.- 55-59.

[3-М]. **Давроншозода, Ф.Д.** Перспективы создания стоматологического геля на основе отечественного сыря/ **Ф.Д. Давроншозода.,** А.С. Иззатуллоев // Наука и инновасия 2021. -С. -223-224.

[4-М]. **Давроншозода, Ф.Д.** Исследование микробиологической активности густого экстракта листьев шалфея мускатного/ А.У. Раҳмонов, Қ.С. Махсудов., **Ф.Д. Давроншозода** // Наука и инновасия 2021. –С. -217-218.

[5-М]. **Давроншозода, Ф.Д.** Изучение репаративного действия мази салвит/ К.С. Мақсудов., А.У. Раҳмонов., С.М. Мусозода., М.Х. Раҳимова., Ф.Д. Давроншозода// Наука и инновасия 2022. –С. -120-125.

**Нахустпатент:**

[6-М]. Нахуспатент №TJ 1094. **Давроншозода, Ф.Д.** Малҳами зиддибактерияӣ/ Мақсудов К.С., Раҳмонов А.У., Мусоев Р.С., Мусозода С.М., Раҳимова М.Х.// Аризаи №2001418, барои ихтирои нахуспатент №TJ 1094. Дар феҳристи давлатии ихтироъҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 июни соли 2020 ба қайд гирифта шуд. Душанбе, 2020.

[7-М]. Нахуспатнти №TJ 1063. **Давроншозода, Ф.Д.** Маводи дорувори барои табобати бемориҳои илтиҳобии узвҳои ЛОР/ А.У. Раҳмонов, К.С. Мақсудов, Р.С. Мусоев, С.М. Мусозода, О.С. Шпичак, Л. Л. Давтян // Аризаи №1901381, барии ихтирои нахуспатнти №TJ 1063. Дар феҳристи

давлатии ихтироъҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 феврали соли 2020 ба қайд гирифта шуд. Душанбе, 2020.

[8-М]. Нахуспатнти №TJ 1234 **Давроншозода, Ф.Д.** Малҳам барои табобати ҷароҳат/ С.М.Мусозода, Р.М.Рабиев, Н.С.Давлатзода, И.И. Хикматзода, Ф.Д.Давроншозода // Аризаи №2101568. барии ихтирои нахуспатнти №TJ 1234. Дар феҳристи давлатии ихтироъҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2021 ба қайд гирифта шуд. Душанбе, 2021.

[9-М]. Патент №1421. **Давроншозода, Ф.Д.** Склад для ликування запальних оториноларингологичних захворювань у форми таблеток/ С.М. Мусозода, Р.М. Рабиев, Р.С. Мусоев, Хикматзода И.И., **Давроншозода Ф.Д.**//Аризаи №142132. Дар феҳристи давлатии ихтироъҳои Украина аз 12 майи соли 2020 ба қайд гирифта шуд. Украина, 2020.

[10-М]. Евразийское патентное ведемоство №202100088 А1 **Давроншозода, Ф.Д.** Антибактериальная мазь / К.С.Мақсудов, А.У. Раҳмонов, Р.С. Мусоев, Ф.Д. Давроншозода, С.М. Мусозода, М.Х. Раҳимова //Аризаи №202100088 А1. Евразийское патентное ведемоство.

**Маводи конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ**

[11-М]. **Davronshozoda, F.D.** // Influenceof «Salviaofficinalisl» onthedynamicsofserotonin, histamineandformalineedemainanimalsfeet/ N.Yu.Samandarzoda., **F.D. Davronshozoda** // Colloquium-journal №19 (212), 2024 (Warshava , Polska ) -С.- 39-41.

[12-М]. **Davronshozoda, F.D.,** Specific composition of amino acid in leaves of sage offisionalis – salvia officinalis L / **F.D. Davronshozoda.,** N.Yu.Samandarzoda // science and world International scientific journal. Volgograd -2024 №12 -С.- 27-29.

[13-М]. **Давроншозода,Ф.Д.** Дурнамои истифодаи шалфеи мускатӣ. / С.М. Мусозода., Р.М. Рабиев., **Ф.Д. Давроншозода** // Маводи конференсия ҷумҳуриявии илмию амалии дар мавзуи «Флораи Тоҷикистон-сарчашмаи таҳия ва татбиқи маводи доруворӣ». Душанбе-2023. -С.-45.

[14-М]. **Давроншозода,Ф.Д.** Применение галеновых препаратов в оториноларингологии / М.Д. Шоев., С.М. Мусозода., **Ф.Д. Давроншозода.**

Н.С. Давлатзода. //Дар конференсияи ҷумҳуриявӣ илмию амалии дар мавзуи «Флораи Тоҷикистон-сарчашмаи таҳия ва татбиқи маводи доруворӣ». Душанбе-2022. -С.-41.

[15-М]. **Давроншозода,Ф.Д.** Изучение фармацевтического рынка республики Таджикистан (на примере антибактериальных лекарственных препаратов). // Ф.Д. Шоев **(Давроншозода Ф.Д.).,** З.М. Алиев. // Медицинская наука: новы возможности. Материаль XIII научно-практической конференции молонции молодых ученых и студентов ТГМУ им. Абуали ибни Сино с международным участием, посвященной «Году развития туризма и народных ремесел» Душанбе-20218. –С.- 56.

[16-М]. **Шоев Ф.Д. (Давроншозода Ф.Д.)** // Разработка и стандартизатция противоаллергического сбора: / С.М. Мусозода**., Ф.Д. Шоев (Ф.Д. Давроншозода).,** С.О. Шпичак.// XXV Российский национальный конгресс «Человек и лекарство». Сборник тезисов. (09-12 апреля 2018) –С.-188.

[17-М]. **Шоев Ф.Д. (Давроншозода Ф.Д.)** Натиҷаҳои VEN-таҳлил дар шуъбаи дили беморхонаи маркалии н. Данғара: **/Ф.Д. Шоев, (Ф.Д. Давроншозода)** // Дар конференсияи ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами тиб ва фарматсияи муосир: Назар ба оянда». (13-ноябри соли 2018) ДМТ.-С.-58.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Давроншозода Файзулло Давроншо дар мавзуи «Таҳқиқи аминокислотаҳо ва стероидҳои таркиби мармараки мускатии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯянда» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 - Химияи органикӣ кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Давроншозода Файзулло Давроншо дар мавзуи «Таҳқиқи аминокислотаҳо ва стероидҳои таркиби мармараки мускатии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯянда» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 - Химияи органикӣ бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии

дахлдор тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи озмоишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии «Химия ва технологияи растаниҳои доругӣ»-и Институти илмию таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар санаи 30 ноябри соли 2024, №03 қабул гардидааст.

Иштирок доштанд 54 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 54 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест. Протоколи №04 аз 30 ноябри соли 2024.

Раиси ҷаласа: номзади илмҳои физ-мат,
мудири шӯъбаи илмҳои табиатшиносӣ,
фарматсевтӣ, дақиқ ва риёзии ИИТ ДМТ Ақназарова Ш.И.
30.11.2024

Котиби ҷаласа; мудири озмоишгоҳи
илмӣ-таҳқиқотии «Химия ва технологияи
растаниҳои доругӣ»-и Институти илмию
таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
ходими пешбари илмӣ, номзади илмҳои химия Кабирзода З.О.

Имзоҳои номзади илмҳои физ-мат, Ш.И. Ақназарова ва номзади илмҳои химия З.О. Кабирзодаро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳои
Институти илмию таҳқиқотии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Раҳматуллоева З.Х.